**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Собирова Назира Соличоновна дар мавзуи “Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)**

Таҳқиқоти илмии Собирова Н.С оид ба мавзуи «Ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик» ба таври муфассал таҳқиқ намудааст.

Ташаккули тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагон дар машғулиятҳо ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ имкониятҳои васеи зоҳиршавии қобилиятҳои шахсии онҳоро фароҳам оварда, барои дар оянда пайдо кардани ҷойгоҳ ва мақоми муносиб дар ҷомеа ва ифодаи мавқеи инсонгароёнаашон шароити мусоид фароҳам меорад.

Вазифаҳои асосии фаъолгардонии коркарди назариявӣ ва амалии тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар ҳуҷҷатҳои расмӣ, ки дар даҳсолаҳои охир қабул гардидаанд, муқаррар шудаанд. Муҳиммияти тарбияи фарҳанги рафтори иҷтимоӣ дар қонунҳо ва санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақсади онҳо рушди соҳаи маориф, баландбардории сифати таълиму тарбия мебошад, асоснок шудааст.

Дар самти мазкур, дар баробари дастовардҳо, айни ҳол дар стандартҳои таҳсилот, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва тавсияҳои методӣ, воситаҳои техникии таълим, аз ҷумла, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ, ки ҷорӣ намудани таҳсилоти фосилавӣ дар раванди таълим, инчунин омода намудани кадрҳои педагогии ба сатҳи талаботи муосир ҷавобгӯро имконпазир мегардонанд, камбудиҳо ҷой доранд.

Рушди муносибатҳои бозорӣ сабабгори тезутунд шудани зиддияти иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангиву ахлоқӣ гардид. Ҷойгоҳи омили инсониро чунин омилҳо муҳим мегардонанд: соҳибистиқлол шуданиТоҷикистон, рушди бемайлони он, инсонпарварона ва демократӣ гардидани таҳсилот, гуногуниву мураккабии равандҳои нав. Ин омилҳо на танҳо таъсироти мусбат доранд, балки низоъҳои дохилии шахсиятро

таҳрик бахшида, боиси муаммоҳо дар оила мегарданд, арзишҳои анъанавиро вайрон мекунанд. Ин метавонад боиси натиҷаҳои номатлуб гардида, ба рафтори иҷтимоии хонандагон таъсири манфӣ расонад, ба раванди инкишофи равонии насли наврас халал ворид карда, дахолати тиббии дахлдорро талаб намояд.

Бартараф кардани ин таъсироти манфӣ воситаҳо ва тадбирҳои куллиро тақозо дорад ва илми педагогика вазифадор аст, ки бо назардошти инсонпарварона гардидани таҳсилот дар оилаву мактаб ҷиҳати рушди бемайлони шахсияти инсон, воқеӣ намудани захираҳои ботинии ӯ ва ёрмандӣ ба ҳар як хонанда дар худифшонамоӣ ва худинкишофдиҳии ӯ шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Ҷустуҷӯи захираҳои камолоти шахсияти насли наврас, коркарди методу воситаҳо, технологияҳо ва ангезишҳо, таъсироти тарбиявиро дар маҷмуъ бо назардошти давраҳои рушдёбии шахсият яке аз самтҳои асосии низоми таҳсилот ба шумор меравад.

Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, натиҷаҳо, тавсияҳо, руйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар боби якуми рисола “Асосҳои методологӣ ва назариявии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷик” муаллиф оид ба масъалаҳои тавсифи шахсияти хонандагони хурдсол, моҳият, сохтор ва мундариҷаи мафҳуми рафтори иҷтимоӣ ва махсусияти он дар рафти кор бо хонандагони хурдсол ва шартҳои педагогӣ ва омилҳои ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол андешаронӣ намудааст.

Қайд кардан бо маврид аст, ки муаллифи рисола дар таҳқиқи масъалаи мазкур аз усулҳои зерин мавриди истифода ва татбиқ қарор додааст: равиши бонизом нисбати назария ва амалия бо баҳисобгирии мавзуи таҳқиқот, таҳлили маводи манбаъшиносӣ, қонунҳо ва асноди соҳаи маориф, омӯзиш ва таҳлили асарҳои педагогӣ, психологӣ, сотсиологӣ, фалсафӣ, таърихӣ ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ. Дар кори мазкур инчунин як қатор методҳо, ба монанди: озмоиши педагогӣ дар мактаб бо иштироки хонандагон, донишҷӯён, омӯзгорон ва муҳаққиқон, пурсишнома, мусоҳиба, тестикунонӣ, мубодилоти афкор, таҳлили натиҷаҳои амалӣ ва дар асоси он баҳогузории сифати нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо ва китобҳои дарсӣ, ҷамъбасти маводи омӯхташуда аз рӯйи назария ва амалия дар ҳошияи мақсад ва вазифаҳои мавзӯи таҳқиқот аз ҷониби муаллими рисола мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Дар боби дуюм “Технологияи педагогии ташаккули рафториичтимоии хонандагони хурдсол тавассути анъанаҳои миллии

халқи тоҷик” роҷеъ ба таъсири арзишҳои миллии халқи тоҷик ба ташаккули рафтори шаҳрвандӣ-ватанпарваронаи хонандагони хурдсол, дидгоҳи этнопедагогикаи халқи тоҷик дар ташаккули таҳаммулпазирии хонандагони хурдсол, самаранокии ташаккули рафтори иҷтимоии хонандагон тавассути анъанаҳои миллии халқи тоҷикро баррасӣ намудааст.

Дар бахшҳои боби мазкур муаллиф дар хусуси амалӣ гардонидани низоми нави тарбия тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсол дар сурати мавҷудияти омодагии назариявию амалӣ оид ба педагогикаи муосир; доир ба омода кардани омӯзгорони оянда барои татбиқи тарбияи рафтори иҷтимоӣ дар раванди таълими хонандагони хурдсол назари худро ироз дошта, таъкид менамояд, ки барои ташаккул додани тарбияи рафтори иҷтимоии хонандагон тавассти анъанаҳои миллии халқи тоҷик ҳадафи умумии низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Хулоса, кори таҳқиқотии Собирова Назира Солиҷоновна бaанҷомрасида маҳсуб ёфта, ҷавобгӯи талабот ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, муовини директор
оид ба тарбияи Коллеҷи омӯзгории ба номи
Хосият Махсумоваи Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон,
ба номи Садриддин Айнӣ Қаюмова Ҳ.Т.

Маълумот барои тамос: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи. С. Айнӣ 73; Тел: 904 40 66 90; E-mail: kayumova.1973@inbox.ru

Имзои Қаюмова Ҳ.Т.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Коллеҷи омӯзгории ба номи
Хосият Махсумоваи ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Наҷмиддинов Ш.